# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Каримӣ Мадина Давронзода дар мавзуи “Хусусиятҳои ташкили сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд (Дараи Сабз) ва таъсири он ба устувории геоэкологӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география)

Дар замони муосир рушди иқтисоди кишварҳои зиёди сайёра ба рушди соҳаи сайёҳӣ алоқаманд буда, муқаррар гардидааст, ки алҳол саҳми бахши сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии давлатҳои ҷаҳон то се маротиба афзудааст ва ҳиссаи он дар сармоягузории иқтисод то 12 фоиз ва истеҳсоли маҳсулот то 10 фоизро ташкил медиҳад. Хусусан, рушди намуди нави сайёҳӣ, яъне сайёҳии экологӣ, ки барои қонеъ гардонидани талаботи фард ба табиати солим равона гардидааст, алҳол рӯ ба рушд ниҳодааст. Вале, то ҳол барои таъмини рақобатпазирӣ ва самаранокии соҳа зарурати рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагардидааст.

Интихоби мавзуъ ва таҳқиқи диссертатсионии Каримӣ М.Д., ки аз омӯзиши автореферат ба назар мерасад, маҳз барои бартараф намудани норасоиии ҷойдошта ва таҳқиқи масъалаи ташаккул ва такомули системаи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда – мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳои табиӣ, боғҳои миллӣ, ёдгориҳои табиӣ, геологӣ, геоморфологӣ ва ландшафтӣ алоқаманд аст. Зеро, зарурати таҳия ва коркарди стратегияи алтернативии рушди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва аниқ намудани мавқеи сайёҳии экологӣ дар он мушкилоти ҳалталаби замони муосир маҳсуб меёбад.

Диссертант аниқ намудааст, ки муҳаққиқони сершумори хориҷиву ватанӣ бо сабабҳои гуногуни объективӣ ва субъективӣ, яъне ҷузъӣ таҳқиқоти ташаккул ва такомули сайёҳии экологӣ бо таъсири он ба комплекси табиӣ ва иқтисодиёти ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаро дар дараҷаи кофӣ таҳқиқ накардаанд. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертант Каримӣ М.Д. ҷиҳати омӯзиши хусусиятҳои табиӣ, геоэкологӣ ва экологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, дар мисоли парваришгоҳи “Дараи Сабз” дар самти ташкили сайёҳии экологӣ қадамҳои аввали таҳқиқотӣ маҳсуб меёбад, ки қадрияти илмӣ ва саҳми муаллиф ба навгонии илми табиатшиносиро таъкид мекунад.

Диссертант тавассути таҳқиқи маҷмуавии шароит ва захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд, ҳамчун объекти табиӣ ва сайёҳӣ муяссар гардидааст, ки арзёбии имкониятҳо, иқтидори ташкил ва рушди сайёҳии экологӣ дар заминаи захираҳои табиӣ-геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғдро дар

сатҳи хуб амалӣ намояд. Таҳияи харитаҳои геоэкологӣ, рекреатсионӣ ва хатсайрҳои сайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (парваришгоҳи "Дараи Сабз") бо омӯзиши таъсири бевосита ва мутақобилаи сайёҳии экологӣ ба муҳити геоэкологии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда саҳми шахсии диссертант ба илмҳои география мебошад. Зеро, муайянсозии сохтор, ҳолат ва хусусиятҳои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи вилояти Суғд дар таъмини рушд ва истифодаи оқилонаи иқтидори сайёҳӣ-рекреатсионии мавҷуда, омӯзиши таъсири сайёҳии экологӣ ба устувории геоэкологии муҳити зисти ҳудуди парваришгоҳи "Дараи Сабз" ва ғайра натиҷаи назарраси илмӣ дониста мешавад. Вале, диссертантро мебоист ҷиҳати арзёбии захираи мавҷудаи объекти табиӣ дар заминаи таҳлили маълумотҳои мавҷуда хулосабардорӣ намояд, ки дар автореферати диссертатсия ба назар мерасад. Инчунин, зарурати тавзеҳоти ҷанбаҳои таъсиррасон ба устуворияти геоэкологии маҳал дар мисоли рушди сайёҳии экологӣ мавҷуд бошад ҳам, муаллиф дар ин ҷода кӯшиш ба харҷ надодааст.

Дар маҷмуъ, норасогиҳои ҷузъии ҷойдошта қимати илмии диссертатсияи мазкурро коҳиш намедиҳад ва аз муҳаққиқи хушсавиқаи соҳа ташаккул ёфтани диссертант Каримӣ Мадина Давронзодаро дарак медиҳад ва ӯ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (6D091101.02 – Соҳаи илмҳои география) дониста мешавад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ
ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сайфуллоев Н.Н.

Имзои Сайфуллоев Н.Н.-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел.: (+992-37) 221-62-25, (+992-37) 227-15-10
E-mail: info@tnu.tj

"31" 10 соли 2025